**«ТАСДИҚ МЕКУНАМ»**
**Ректори Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор Насриддинзода Э.С. ________________**
**«__26__» ______05______ соли 2025**

## ХУЛОСА

## ДОНИШГОҲИ МИЛЛИИ ТОҶИКИСТОН

Диссертатсияи номзадии Самизода Фурқат Давлаталӣ дар мавзӯи «Танзими ҳуқуқии сайёҳии байналмилалӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон», барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12.00.03 – Ҳуқуқи граждании; ҳуқуқи соҳибкорӣ; ҳуқуқи оилавӣ; ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ дар кафедраи ҳуқуқи соҳибкорӣ ва тиҷоратии факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон иҷро шудааст.

Дар ҷараёни омода намудани диссертатсия Самизода Фурқат Давлаталӣ унвонҷӯи кафедраи ҳуқуқи соҳибкорӣ ва тиҷоратии факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон ба шумор мерафт.

Самизода Фурқат Давлаталӣ соли 2009 ба шуъбаи ғоибонаи факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон ба ихтисоси ҳуқуқшиносӣ дохил шуда, онро соли 2013 аз рӯйи ихтисоси ҳуқуқшиносӣ хатм намудааст.

Номбурда бо фармоиши ректор аз 4-уми январи соли 2017, №01-05 ба ҳайси унвонҷӯи кафедраи ҳуқуқи соҳибкорӣ ва тиҷоратии факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон қабул шуда, онро 23-уми декабри соли 2020, №517-05 хатм намудааст.

Мавзӯи диссертатсия дар ҷаласаи Шурои олимони факултети ҳуқуқшиносии 29-уми апрели соли 2017, Суратмаҷлиси №8 (18-19) тасдиқ шудааст.

Роҳбари илмӣ – Сангинзода Дониёр Шомаҳмад, доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессори кафедраи ҳуқуқи соҳибкорӣ ва тиҷоратии факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон.

Шаҳодатнома дар бораи супоридани имтиҳонҳои номзадӣ аз 7-уми январи соли 2021, №01 аз ҷониби Донишгоҳи миллии Тоҷикистон дода шудааст.

Диссертатсияи Самизода Фурқат Давлаталӣ дар ҷаласаи кафедраи ҳуқуқи соҳибкорӣ ва тиҷоратии факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон санаи 19.05.2025 №10 суратмаҷлис муҳокима гардидааст. Ба диссертатсия аз ҷониби муқарризон баҳои мусбат дода шуда, пас аз ислоҳи камбудиҳо ба зинаи навбатии ҳимоя тавсия карда шудааст.

Оид ба натиҷаи баррасии диссертатсияи Самизода Фурқат Давлаталӣ дар мавзӯи «Танзими ҳуқуқии сайёҳии байналмилалӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон», чунин хулоса қабул карда шуд:

1. **Мутобиқати ихтисос ва номи мавзӯъ ба шиносномаи ихтисос ва муҳтавои диссертатсия.** Диссертатсияи Самизода Фурқат Давлаталӣ дар мавзӯи «Танзими ҳуқуқии сайёҳии байналмилалӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12.00.03 – Ҳуқуқи гражданӣ; ҳуқуқи соҳибкорӣ; ҳуқуқи оилавӣ; ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ омода шудааст. Мавзӯи диссертатсия ба бандҳои шиносномаи ихтисосҳои илмии Комиссияи Олии Аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз рӯйи ихтисоси 12.00.03 мутобиқат мекунад.

**2. Алоқамандии мавзӯи диссертатсия ба самтҳои афзалиятноки рушди илм, техника ва технология дар ҷумҳурӣ.**

Таҳқиқоти диссертатсионӣ дар доираи мавзӯи кори илмӣ-таҳқиқотии кафедраи ҳуқуқи соҳибкорӣ ва тиҷоратии факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон: «Танзими шартномавӣ ва иҷрои уҳдадориҳо дар бахши соҳибкорӣ» (2016–2020) ва «Таҳқиқи назариявӣ-амалии танзими ҳуқуқии муносибатҳои соҳибкорӣ ва сайёҳӣ» (2021–2025) анҷом дода шуда, бо Стратегияи рушди сайёҳӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030 (Қарори Ҳукумати ҶТ аз 29 декабря 2022, №631) алоқаманд мебошад.

**3. Мутобиқати теъдод ва мазмуни интишороти натиҷаҳои илмӣ ба муҳтавои диссертатсия ва автореферати он.** Натиҷаҳо, хулосаҳо, тавсияҳо ва пешниҳодҳое, ки дар диссертатсия баён шудаанд, дар 10 мақолаи илмӣ нашр гардидаанд. Аз инҳо 5 мақола дар маҷаллаҳои баррасишавандае, ки ба феҳристи Комиссияи Олии Аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дохиланд, ва 5 мақола дар маҷмӯаҳои конфронсҳои байналмилалӣ ва ҷумҳуриявӣ чоп шудааст. Мақолаҳои нашршуда фарогирандаи мазмун ва моҳияти диссертатсия буда, натиҷаҳои асосӣ, хулосаҳои таҳқиқот ва тавсияҳои муаллифро инъикос мекунанд. Теъдоди маводи чопшуда ба банди 35 Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни 2021, №267 тасдиқ гардидааст, мутобиқ мебошад.

**4. Мавҷудияти санадҳои тасдиқкунандаи татбиқи натиҷаҳои илмӣ дар истеҳсолот ё имконияти татбиқ намудани онҳо.** Таҳқиқот барои мақомоти давлатӣ, ки танзими ҳуқуқии сайёҳии байналмилалиро амалӣ мекунанд, ва барои субъектҳои хизматрасонии сайёҳӣ, аз қабили туроператорҳо ва турагентҳо, арзиши илмӣ ва амалӣ дорад. Натиҷаҳои таҳқиқот дар шакли лоиҳаи тағйиру иловаҳо ба Қонуни ҶТ “Дар бораи

сайёҳӣ" пешниҳод шудаанд, ки ба такмили танзими аҳдҳои иқтисоди беруна (АИБ), ҳимояи ҳуқуқи сайёҳон ва мутобиқсозии қонунгузорӣ ба стандартҳои Созмони Ҷаҳонии Сайёҳӣ (СҶТ) нигаронида шудаанд.

Ин тавсияҳо метавонанд дар амалияи мақомоти давлатӣ, аз ҷумла Кумитаи рушди сайёҳии назди Ҳукумати ҶТ, ва дар фаъолияти ширкатҳои сайёҳӣ истифода шаванд. Илова бар ин, муқаррароти диссертатсия метавонанд ҳамчун асос барои таҳқиқоти минбаъдаи илмӣ дар соҳаи ҳуқуқи маданӣ, соҳибкорӣ ва байналмилалии хусусӣ хизмат кунанд. Аҳамияти амалии таҳқиқот дар раванди таълим, хусусан ҳангоми таълими фанҳои «Ҳуқуқи маданӣ», «Ҳуқуқи соҳибкорӣ» ва «Ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ» дар муассисаҳои таҳсилоти олии Тоҷикистон зоҳир мегардад.

**5. Саҳми довталаб дар иҷрои таҳқиқоти диссертатсионӣ.** Диссертатсияи Самизода Фурқат Давлаталӣ дар мавзӯи «Танзими ҳуқуқии сайёҳии байналмилалӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» мубрам буда, барои илми ҳуқуқшиносӣ аҳамияти назариявӣ ва амалӣ дорад. Нововарии кор аз он иборат аст, ки то имрӯз дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷанбаҳои ҳуқуқии танзими сайёҳии байналмилалӣ, бахусус аҳдҳои иқтисоди беруна (АИБ), мавзӯи омӯзиши муфассали монографӣ набуданд. Саҳми муаллиф дар вазифаҳои зерин зоҳир мегардад:

1. Таҳлили муфассали камбудиҳои қонунгузории Тоҷикистон дар танзими аҳдҳои иқтисоди беруна, аз ҷумла шартномаҳои хизматрасонии пулакӣ (ШХП) ва миёнравӣ (ШМ), ки боиси баҳсҳои ҳуқуқӣ ва коҳиши эътимоди сайёҳони хориҷӣ мегарданд.

2. Пешниҳоди модели нави танзими ҳуқуқии ШХП ва ШМ бо назардошти таҷрибаи байналмилалӣ ва стандартҳои СҶТ, ки метавонад шаффофият ва сифати хизматрасониҳоро афзоиш диҳад.

3. Таҳияи тавсияҳои амалӣ, аз ҷумла лоиҳаи тағйиру иловаҳо ба Қонуни ҶТ “Дар бораи сайёҳӣ”, барои мутобиқсозии қонунгузории миллӣ ба стандартҳои байналмилалӣ ва мусоидат ба рушди соҳаи сайёҳии Тоҷикистон.

Диссертатсияи Самизода Фурқат Давлаталӣ дар мавзуи «Танзими ҳуқуқии сайёҳии байналмилалӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон», ба ихтисоси интихобшуда пурра мутобиқат мекунад.

Мавзӯи диссертатсия ба бандҳои зерини шиносномаи ихтисосҳои илмии Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз рӯйи ихтисоси 12.00.03 – Ҳуқуқи гражданӣ; ҳуқуқи соҳибкорӣ; ҳуқуқи оилавӣ; ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ мутобиқат мекунад.

Диссертатсия аз муқаддима, 3 боб, 6 зербоб, хулоса, тавсияҳо, рӯйхати адабиёт ва замима иборат мебошад.

Вобаста ба мавзӯ ва масоили таҳқиқи диссертатсионӣ 10 мақолаи илмӣ, аз ҷумла 5 то дар маҷаллаҳои илмии дар феҳристи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон воридбуда, интишор гардидааст, ки ҳаҷми умумии онҳо 3.62 ҷузъи чопиро ташкил медиҳад.

Мундариҷаи асосии таҳқиқот аз руйи мавзуи диссертатсия дар таълифоти зерин инъикос ёфтааст:

**I. Мақолаҳои дар маҷаллаҳои баррасишавандаи Комиссияи Олии Аттестатсионӣ нашршуда:**

[1-М] Самизода, Ф.Д. Шартномаи хизматрасонии пулакӣ ҳамчун намуди аҳдҳои иқтисоди беруна дар соҳаи сайёҳӣ / Ф.Д. Самизода // Давлатшиносӣ ва ҳуқуқи инсон. – 2020. – №1 (17). – С. 166–172.

[2-М] Самизода, Ф.Д. Баъзе пешниҳодҳо оид ба рушди сайёҳии байналмилалӣ дар Тоҷикистон / Ф.Д. Самизода // Қонунгузорӣ. – 2020. – №4 (40). – С. 53–57.

[3-М] Самизода, Ф.Д. Баъзе таҳлилҳо оид ба мафҳуми "Сайёҳӣ", "Сайёҳ" ва "Сайёҳат" / Ф.Д. Самизода // Идоракунии давлатӣ. – 2020. – №4/2 (49). – С. 191–196.

[4-М] Самизода, Ф.Д. Заминаҳои ҳуқуқии сайёҳии байналмилалӣ / Ф.Д. Самизода // Маҷаллаи академии ҳуқуқ. – 2020. – №4 (36). – С. 207–211.

[5-М] Сангинзода, Д.Ш., Самизода, Ф.Д. Правовое регулирование туристической деятельности в Китае, Японии и Европейском союзе: сравнительный анализ с рекомендациями для Республики Таджикистан / Д.Ш. Сангинзода, Ф.Д. Самизода // Правовая жизнь. – 2025. – №2 (35). – С. 102–112.

**II. Мақолаҳои илмие, ки дар маҷмуаҳо ва дигар нашрияҳои илмӣ-амалӣ чоп шудаанд:**

[6-М] Самизода, Ф.Д. Заминаҳои илмӣ ва амалии танзими ҳуқуқии сайёҳии байналмилалӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон / Ф.Д. Самизода // Маводи конференсияи байналмилалии илмӣ–амалӣ дар мавзуи "Рушди қонунгузории соҳибкорӣ, тиҷоратӣ ва сайёҳӣ дар даврони Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон" (18-уми майи соли 2018). – Душанбе, 2018. – С. 171–175.

[7-М] Самизода, Ф.Д. Баъзе андешаҳо оид ба сайёҳии байналмилалӣ / Ф.Д. Самизода // Маводи конференсияи ҷумҳуриявии илмию назариявии ҳайати устодону кормандони ДМТ бахшида ба "Солҳои рушди деҳот, сайёҳӣ ва ҳунарҳои мардумӣ (2019–2021) ва "400–солагии Миробид Сайидои Насафӣ". – Душанбе, 2019. – С. 142–143.

[8-М] Самизода, Ф.Д. Шартномаи хизматрасонии пулакӣ ҳамчун намуди гуногуни аҳдҳои иқтисоди беруна дар соҳаи сайёҳӣ / Ф.Д. Самизода // Маводи конференсияи байналмилалии илмӣ-назариявӣ дар мавзӯи: «Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва низоми ҳуқуқии миллӣ: заминаҳои рушд ва дурнамои илми ҳуқуқшиносӣ». – Душанбе, 2019. – С. 100–110.

[9-М] Самизода, Ф.Д. Определения и виды иностранных экономических сделок в международном туризме / Ф.Д. Самизода // Актуальные вопросы юриспруденции: материалы VII Международной научно–практической конференции (Душанбе, 30 апреля 2020 г.). – Душанбе: РТСУ, 2020. – С. 52–56.

[10-М] Самизода, Ф.Д. Санадҳои қонунгузории миллии танзимкунандаи сайёҳии байналмилалӣ / Ф.Д. Самизода // Маводи конференсияи илмӣ–амалии ҷумҳуриявӣ дар мавзуи “Масъалаҳои мубрами қонунгузорӣ оид ба рушди деҳот, сайёҳӣ ва ҳунарҳои мардумӣ” (8–уми октябри соли 2020). – Душанбе, 2020. – С. 253–262.

**Ҷаласа қарор кард:**

1. Диссертатсияи Самизода Фурқат Давлаталӣ дар мавзӯи «Танзими ҳуқуқии сайёҳии байналмилалӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12.00.03 – Ҳуқуқи гражданӣ; ҳуқуқи соҳибкорӣ; ҳуқуқи оилавӣ; ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ кори анҷомёфта ҳисобида шавад.

2. Диссертатсияи Самизода Фурқат Давлаталӣ дар мавзӯи «Танзими ҳуқуқии сайёҳии байналмилалӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12.00.03 – Ҳуқуқи гражданӣ; ҳуқуқи соҳибкорӣ; ҳуқуқи оилавӣ; ҳуқуқи

байналмилалии хусусӣ бо назардошти ислоҳи эродҳои гирифташуда барои ҳимоя ба шурои диссертатсионии дахлдор тавсия дода шавад.

Хулоса дар ҷаласаи кафедраи ҳуқуқи соҳибкорӣ ва тиҷоратии факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон қабул гардид:

Иштирок доштанд: ҳамагӣ 21 нафар, аз ҷумла, 4 нафар доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, 8 нафар номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, 2 нафар муаллими калон, 8 нафар ассистентон, 1 нафар лаборанти кафедра. Натиҷаи овоздиҳӣ «тарафдор» – 21 нафар, «зид» – 0 нафар, «бетараф» – 0 нафар. Суратмаҷлиси №10 аз 19-уми майи соли 2025.

**Раиси ҷаласа:**
номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ,
дотсент, мудири таҳқиқотии
кафедраи ҳуқуқи соҳибкорӣ ва
тиҷоратии факултети ҳуқуқшиносии
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон Мавлоназарзода О.А.

**Котиби ҷаласа:**
лаборанти кафедра Маҷидова Р.

Имзои Мавлоназарзода О.А. ва Маҷидова Р.-ро тасдиқ мекунам:
Сардори Раёсати кадрҳо ва корҳои
махсуси Донишгоҳи миллии Тоҷикистон Тавқиев Э.Ш.
«19» 06. соли 2025